Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷик камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

4 июли соли 2020. Шанбе

№ 44 (14643)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПЕШОМАДИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ БО ҶОПОН, ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ ВА АМА БАРРАСӢ ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 июл дар шакли видеоконфронс бахшида ба баррасии иҷрои нишондиҳандаҳои пешгӯйии фаъолияти сармоягузорӣ ва тиҷорати хориҷии мамлакат бинобар натиҷаҳои нимсолаи якуми соли ҷорӣ, инчунин баррасии татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок ва дурнамои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва молиявиву техникӣ бо Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва Аморати Муттаҳидаи Араб ҷамъомад баргузор намуд.**

Дар рафти ҷамъомад оид ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Вазорати сармояҳо ва тиҷорати хориҷӣ гузошташуда, аз ҷумла пешниҳодҳо оид ба татбиқи чорабиниҳои маҷмӯӣ, ки ба таъмини иҷрои нишондодҳои пешбинишавандаи ҷалби сармоя ва содирот, инчунин иҷрои саривақтии созишномаҳо бо шарикони хориҷӣ нигаронда шудаанд, ҳисобот шунида шуд.

Қайд гардид, ки вазъи эпидемиологии ҷаҳонӣ ва маҳдудиятҳои он ба фаъолияти сармоягузорӣ ва тиҷорати хориҷии Ӯзбекистон бевосита таъсир расонда, барои соҳибкорон дар масъалаҳои маблағгузорӣ, сохтмон, таъминоти ашёи хом ва таҷҳизоти зарурӣ монеаҳои муайян эҷод мекунанд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати дастгирии саривақтии истеҳсолкунандагон ва содиргарони ватанӣ чораҳо андешида шуданд.

Ҳамзамон, барои бо захираҳои кофӣ таъмин намудани бонкҳои тиҷоратӣ маблағҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар ҳаҷми 1,2 миллиард доллар ҷалб карда шуданд.

Дар давраи баррасишаванда аз ҳисоби татбиқи 28 лоиҳаи бузурги сармоягузории арзишаш 1,8 миллиард доллар тақрибан 3,8 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шуданд.

Дар доираи барномаҳои рушди минтақавӣ 2 049 лоиҳаи калони сармоягузорӣ ба маблағи умумии 9,5 триллион сӯм татбиқ гардид, ки имкони созмон додани беш аз 27 ҳазор ҷойи нави кориро фароҳам овард.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки айни замон дар як қатор соҳаҳо аз нишондиҳандаҳои пешгӯӣ қафо мондани азхудкунии сармояҳо ба муносибати хавфҳои ба пандемияи коронавирус вобаста ба назар мерасанд. Бо назардошти ин, сарвари давлат супориш дод, ки нишондиҳандаҳо ва рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузории татбиқашон ба нақша гирифташуда бо мақсади бечунучаро ноил гардидан ба натиҷаҳои бинобар ҷамъбасти соли 2020 пешбинишуда таҷдиди назар карда шаванд. Интизорӣ меравад, ки дар охири сол ҳаҷми сармоягузориҳои ба иқтисодиёти кишвар ҷалбшуда 9,9 миллиард долларро ташкил диҳад, ки аз он 6,8 миллиардаш сармоягузории мустақими хориҷӣ ва 3,1 миллиардаш маблағи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мебошанд. Ба чорабиниҳо оиди дастгирии фаъолияти содиротӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар эътибори алоҳида дода шуд.

Таъкид гардид, ки аз рӯйи натиҷаҳои 6 моҳи соли равон корхонаҳои ватанӣ ба маблағи 6,1 миллиард доллар маҳсулот содир кардаанд. Ҳамзамон ба фаъолияти содиротӣ 950 корхонаи нав ҷалб карда шуда, ба хориҷ интиқол додани 85 намуди нави маҳсулот азхуд карда шуда, инчунин иловагӣ ба бозори 4 давлати нав роҳи баромад пайдо шуд.

Ҳамзамон, бо назардошти вазъи ноустувори иқтисодии ҷаҳон, инчунин кам шудани талабот ва таклифот дар бозори ҷаҳонӣ ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ супориш дода шуд, ки оид ба кам кардани таъсири эҳтимолии манфии омилҳои берунаи оқибатҳои пандемия ба фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротӣ дар нимаи дувуми соли ҷорӣ маҷмӯи чорабиниҳо таҳия ва татбиқ намояд.

Интизорӣ меравад, ки дар натиҷаи чораҳои андешидашуда содироти Ӯзбекистон то охири сол ба 17,1 миллиард доллар мерасад.

Дар тӯли солҳои охир нишондиҳандаҳои гардиши тарафайни мол бо ин кишварҳо мунтазам афзуда, дар соҳаҳои гуногун дар доираи «харитаҳои роҳҳо» пас аз ҳамоишҳои сатҳи баланд лоиҳаҳои нави муштараки кооператсия татбиқ мегарданд.

Дар ҷамъомад ба татбиқи саривақтии лоиҳаҳои мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои нав барои амиқсозии ҳамкориҳои сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда шуд.

Таъкид гардид, ки дар ҷумҳурӣ якҷоя бо шарикони ҷопонӣ 48 лоиҳа ба маблағи 5,6 миллиард доллар дар чунин соҳаҳо мисли геология, кимиё ва нафту кимиё, сектори бонку молия, нигаҳдории тандурустӣ ва маориф татбиқ мегарданд.

Аз ҷумла, лоиҳаҳо оид ба бунёди маҷмӯи меҳмонхонаҳо бо «ЭчАйЭс», васеъ гардондани иқтидорҳои истеҳсолии КМ «СамАвто» бо ширкатҳои «Исузу» ва «Иточу», сохтмони блокҳои энергетикӣ дар НБО-и Навоӣ бо ҷалби қарзҳои имтиёзноки Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон (JICA) ва дигарон бомуваффақият татбиқ мешаванд.

Таъкид гардид, ки бо вуҷуди пандемия аз аввали сол робитаҳои мутақобилаи байни ҳукумат ва доираҳои тиҷоратии ду кишвар, аз ҷумла ба воситаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ фаъол гардиданд.

Дар ҷараёни мулоқот роҳбари давлати мо зарурати тавсеаи ҳамкориҳои амалии байни Ӯзбекистон ва Японияро бо роҳи пешбурди барномаҳо ва лоиҳаҳои дақиқи иқтисодӣ таъкид кард.

Ҳамкориҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Корея низ дар солҳои охир динамикаи мусбат нишон доданд. Аз аввали сол муомилоти мол ба 1 миллиард доллар расида, бо иштироки сармояи Корея 60 корхонаи нав таъсис дода шуда, шумораи умумии онҳо ба 855 расидааст.

Таъкид гардид, ки соли равон лоиҳаҳо оид ба ташкили Маркази тиббии бисёрсоҳаи бачагона дар Тошканд ва Донишгоҳи байналмилалии Ӯзбекистону Корея дар Фарғона бомуваффақият татбиқ шуданд, ки дар доираи он қариб 1 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд.

Сохтмони Кластери инноватсионии илмию истеҳсолии фармасевтӣ дар ноҳияи Зангиотаи вилояти Тошканд, ки 17 апрели соли равон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оғоз ёфт, босуръат идома дорад. Лоиҳа таъсиси Донишгоҳи техникии дорусозӣ ва инчунин истеҳсоли замонавии доруҳоро пешбинӣ менамояд.

Чунин соҳаҳо ба монанди кишоварзӣ, инноватсия ва ТИК, саноати кимиё, дорусозӣ, сабук, электротехникӣ ва заргарӣ, таълим ва тандурустӣ ба сифати самтҳои пешомаднок муайян шуданд.

Дар доираи барномаҳои кӯмаки молиявӣ ва техникии Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA) ва Фонди рушди иқтисодӣ 17 лоиҳа ба маблағи умумии зиёда аз 750 миллион доллар, аз ҷумла сохтмони Маркази технологияҳои кимиёвӣ, клиникаи тиббӣ барои калонсолон, бо таҷҳизот муҷаҳҳаз сохтани муассисаҳои тиббӣ ва муассисаҳои таълими Ӯзбекистон татбиқ мешаванд.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо Ҷопон ва Корея азхудкунии сармояҳои хориҷӣ ба маблағи беш аз 1 миллиард доллар ба нақша гирифта шудааст.

Дар маҷмӯъ татбиқи амалии мувофиқаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки беш аз 50 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, ҳаҷми истеҳсолот ба 4,1 миллиард доллар ва содирот 1,14 миллиард доллар афзоиш ёбад.

Бинобар натиҷаи сафари сатҳи баланд ба АМА дар соли 2019 силсилаи ҷиддии ҳуҷҷатҳои дуҷониба, инчунин созишнома дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба имзо расиданд. Татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, кимиё ва нафту кимиё, кишоварзӣ, туризм ва дигар самтҳо ба нақша гирифта шудааст.

То имрӯз лоиҳаҳои мушаххас ба маблағи зиёда аз 4 миллиард доллар таҳия шуда, шумораи умумии корхонаҳои дорои сармояи аморат 141 ададро ташкил медиҳад.

Қайд гардид, ки созишномаҳо бо ширкатҳои аморат аллакай натиҷаҳои худро медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ширкати «Масдар» ба сохтмони неругоҳи барқиву бодии иқтидораш 500 МВт дар вилояти Навоӣ сармоягузорӣ мекунад, ки сармоягузории умумӣ беш аз 500 миллион долларро ташкил медиҳад.

Бо иштироки Фонди рушди Абу-Дабӣ ширкати муштараки сармоягузорӣ бо сармояи 1 миллиард доллар таъсис дода шуд. Ширкат маблағгузории лоиҳаҳои аввалинро оғоз кард.

Фонди рушди Абу-Дабӣ дар навсозии инфрасохтори шаҳри Самарқанд иштирок мекунад.

Бо ширкати сармоягузории давлатии АМА «Мубадала» дар соҳаи энергетика, инчунин оид ба афзоиши истихроҷ ва коркарди амиқи карбогидридҳо лоиҳаҳо таҳия мегарданд.

Президент Шавкат Мирзиёев зарурати мутобиқи «харитаҳои роҳ» бо Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва АМА пурра ва босифати иҷро намудани тадбирҳои барои соли 2020 пешбинишударо таъкид кард.

Оид ба масъалаҳои дар ҷамъомад баррасишуда ҳисоботи роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор шунида, чора ва вазифаҳои мушаххас муайян шуданд.

**ӮзА.**

## ДАР БОРАИ МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ РУСИЯ

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 июл бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқоти телефонӣ анҷом дод.**

Дар оғози суҳбат роҳбари давлати мо Президент Владимир Путинро бо бомуваффақият баргузор намудани маъракаи муҳими сиёсӣ – овоздиҳии умумимиллӣ оид ба ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи Федератсияи Русия самимона муборакбод намуд.

Президентҳо аз натиҷаҳои самарабахши мулоқоти дуҷониба, ки дар доираи иштироки ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар чорабиниҳои тантанавӣ ба муносибати 75-умин солгарди Ғалаба бар фашизм дар Маскав баргузор гардид, изҳори қаноатмандии амиқ карданд.

Роҳбарон бори дигар таъкид карданд, ки тарафдори таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ, иттифоқии ӯзбекистониву русиягӣ ва густариши ҳамкориҳои гуногунҷабҳа мебошанд.

Ба масъалаҳои рӯзномаи сафарҳои оянда дар сатҳи баланд, инчунин идомаи тадбирҳои ҳамоҳангшуда оид ба коҳиш додани таъсири манфии паҳншавии глобалии сирояти коронавирус ба муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳо эътибори алоҳида дода шуд.

Зимни суҳбати телефонӣ инчунин оид ба масъалаҳои муҳими сиёсати байналмилалӣ мубодилаи афкор сурат гирифта, масъалаҳои омодагӣ ва баргузор кардани ҳамоишҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони ҳамкории Шанхай мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Суҳбат дар фазои анъанавии гарм, кушод ва дӯстона баргузор гардид.

**ӮзА.**

## НАҚШИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДӢ

***Президент Шавкат Мирзиёев дар маърӯзааш дар сессияи 72-юми СММ диққати аҳли ҷаҳонро ба мушкилоти баҳри Арал нигаронд. Масъалаҳои пурсамар истифода бурдан аз захираҳои об дар Осиёи Марказӣ, хушкшавии баҳри Арал, мустаҳкам гардондани муносибатҳои некҳамсоягӣ бо мамлакатҳои гирду атроф эътибори воситаҳои ахбори оммавии хориҷиро ба худ ҷалб намуд.***

– Диққату эътиборатонро ба яке аз мушкилоти муҳимтарини экологӣ – ба таназзул рӯй овардани баҳри Арал менигаронам, – гуфт сарвари давлат. – Дар харитаи дастам фоҷиаи Арал акси худро ёфтааст. Фикр мекунам, он эзоҳталаб нест. Бартарафсозии оқибатҳое, ки ба хушкшавии баҳр вобаста аст, муттаҳидшавии саъю ҳаракатҳои байналхалқиро талаб мекунад.

Мувофиқшавии муносибатҳои ҷамъият ва табиат ба сиёсати экологии давлат оиди ҳифзи табиат вобастагии қавӣ дорад. Агар дар ҷараёни истеҳсолот аз захираҳои иқтисодӣ оқилона истифода бурда шавад, миқдори маҳсулот зиёд, сифати он аъло мегардад.

Захираҳои табиӣ на фақат аз они мову даврони мо аст. Аз он насли оянда низ бояд баҳрабардор шавад. Мо баҳриояндаи ҷамъият аз он оқилона истифода барем.

Рушди техника ва технологияи замонавӣ, аз ҷумла, зиёдшавии хел ва намудҳои нақлиёт бори зиндагиро сабук мегардонад, аммо баъзан техникаи муддати истифодааш гузашта низ кор фармуда мешавад, ки аз худ дуд ва қувваи барои инсон ва олами набототу ҳайвонот зарароварро мебарорад. Чандин касалиҳои асаб дар натиҷаи ғалоғулаи чунин нақлиёт ба миён меояд, ки ходимони соҳа борҳо таъкид кардаанд.

Яке аз мушкилоти байналхалқии экологӣ нигоҳ доштани тозагии гирду атроф ба шумор меравад. Беэътиноии одамон ва роҳбарони корхонаҳои саноатӣ мебошад, ки партов ва дуди заҳролуди чунин заводу фабрикаҳо таркиби об ва ҳаворо дар миқёси олам олуда месозад. Дар натиҷаи сиркулятсия (гардиш)-и умумии шамол партов ва дуди заҳролуд ба ҳудуди давлатҳои ҳамсоя мегузарад ва сабаби олудашавии табиати онҳо низ мегардад.

Аз тарафи Кумитаи давлатии гумрук ва идораҳои маҳаллии андоз оиди ба амал татбиқ намудани сиёсати экологӣ чорабиниҳои зиёд андешида мешавад. Аз ҷумла, маҳсулоти содир ва воридшаванда, хел ва навъҳои ҳайвонот ва набототи камёби ҷаҳон ва шомили «Китоби сурх»-и Ӯзбекистон, моддаҳои ба қабати озон осебдиҳанда аз назорати қатъии гумрук гузаронида мешаванд.

Ба мақсади таъмини бехатарии экологӣ ва ба бозорҳои дохилии мамлакат даровардани маҳсулоти босифат Кумитаи давлатии ҳифзи гирду атроф ва экологияи ҷумҳурӣ санҷишҳои экологӣ мегузаронад. Дар миқёси мамлакат доир ба солимгардонии вазъияти экологӣ ва ба ҳаёт татбиқ намудани сиёсати экологӣ, пешгирии олудашавии гирду атроф ва зина ба зина ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҳифзи табиат чораҳо андешида мешаванд.

Масалан, ҳоло дар миқёси мамлакат сол аз сол талаб ба маҳсулоти симон зиёд мегардад. Ҳамаи заводҳои истеҳсолкунандаи симон ба талаботи байналхалқӣ ҷавобгӯ нестанд. Аз ин сабаб, лоиҳаи қарори ҳукумат «Дар бораи пурзӯр гардондани назорати экологӣ ба фаъолияти корхонаҳои истеҳсолкунандаи симон» ба муҳокимаи халқ гузошта шуд. Мувофиқи он то 1 январи соли 2022 дар ҳамаи корхонаҳои истеҳсолкунандаи симон аз ҳисоби маблағи корхонаҳои мазкур доир ба таҳлили таркиби ҳаво ва назорати он истгоҳҳои автоматиконӣ насб карда мешавад. Дар ҳолате ки корхона ба талабот ҷавоб дода натавонад, чораҳои боздоштани фаъолияти он низ андешида мешавад.

Азбаски мушкилоти экологӣ ба ҳаёти одамон хавфи ҷиддӣ мерасонад, дар миқёси мамлакат баҳри масъалаҳои пешгирии мушкили экологӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфии он, пурсамар истифода бурдан аз захираҳои табиии мавҷуда, фароҳам овардани шароити хуби табиӣ барои аҳолии кишвар чораҳои зиёд андешида мешаванд.

Аз ҷумла, солҳои охир аз тарафи ҳукумат чандин қонун ва лоиҳаҳои он «Дар бораи ҷангал», «Дар бораи ҳифзи олами наботот ва ҳайвонот ва истифодаи он», «Дар бораи манбаъҳои қувваи азнавбарқароршаванда», «Дар бораи партов», «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Дар бораи об ва истифодаи об» ба муҳокима гузошта ва қабул карда шуданд.

Бартарафсозии мушкилоти экологӣ танҳо ба қарору фармонҳо вобаста нест. Азбаски мушкили экологӣ масъалаи глобалӣ ба шумор меравад, ҳар як шахс душвории вазъиятро дарк намуда, муносибаташро нисбат ба гирду атроф ва олами растанӣ ва ҳайвонот беҳтар сохта, ба қисман ҳаллу фасли он бояд кӯмак расонад.

**Миркарим МИРСОВУРОВ, узви Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон.**

ПАС АЗ ТАШРИФИ ПРЕЗИДЕНТ...

## МАКТАБҲОИ ҲУНАРМАНДИИ ЧУСТИЁН

***Тӯли се соли охир дар кишварамон бо ташаббуси сарвари давлат ободонию бунёдкориҳои васеъмиқёс ба роҳ монда, лоиҳаҳои нав амалӣ мегарданд ва бо ҳамкорони хориҷӣ корхонаҳои муштарак ба фаъолият шурӯъ мекунанд.***

Ташрифи навбатии сарвари давлатамон ба вилояти Намангон муносибатҳоямонро ба ҳаёти оянда, кори худ, аз рӯйи иҷрои вазифаҳои пешистода дигаргун кард.

Дар ҷамъомади зимни ташриф маърӯзаи ҳисоботии ҷонишинони сарвазир, вазирон, мутасаддиёни соҳаи иқтисодиёт ва ҳокимони ноҳияҳо шунида шуд.

Чуст аз қадимулайём маркази ҳунармандон шуморида мешавад ва бошандагони он бо ҳунари кордсозӣ, тоқидӯзӣ, миёнабанд ва ҷомадӯзӣ, масолеҳи қаннодӣ, кандакорӣ, косибӣ, оҳангарӣ, наққошӣ, дуредгарӣ машғул буданд.

Қобили қайд аст, ки кордсозӣ ва тоқидӯзӣ ҳунари миллӣ ва анъанавии чустиён ба шумор меравад. Барои кордсозон ва тоқидӯзони чустӣ ягон маҳфил ва ё мактаби ҳунаромӯзӣ лозим нест. Онҳо аз синни бачагӣ ин ҳунарҳоро аз падару бобоёнашон ва модару модаркалонашон меомӯзанд. Барои ҳамин ҳам мардон ва бонувони чустӣ дар кӯҷо ва дар кадом вазифа кор накунанд, дар вақти холии худ, бо ин касби меросӣ машғул мешаванд.

Дар рӯзҳои пандемия хонандагони мактабҳои шаҳри Чуст, баробари дар машғулиятҳои онлайн иштирок кардан, вақтҳои холиашон бо ин ҳунари деринаи дӯстдоштаашон машғул мешаванд.

Аввалин солҳои истиқлолияти мамлакатамон дар Боғи маданият ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳ, ҳар сол гузаронидани иди ҳунармандон ба ҳукми анъана даромада буд. Дар он ҳунармандон намоиши маҳсулоти дастии худро ба меҳмонон пешкаш мекарданд. Ҳар сол рӯзҳои тобистон дар боғ фурӯши кордҳои миллӣ ва тоқиҳои чустӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо мақсади ривоҷёбии фаъолияти ҳунармандони чустӣ ташкил намудани корхонаи истеҳсолии «Ҳунармандии миллии Чуст», «Маркази миллии ҳунармандон» таклиф карда шуд. Бо ҳамин ҳунармандони чустӣ бо касбҳои дӯстдоштаашон машғул мешаванд ва анъанаи деринаи устоду шогирдро идома медиҳанд.

**Саида НАСИМХОНОВА, роҳбари шуъбаи Маркази маънавият ва маданияти ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**



*Корхонаи муштараки «Aisha Home Textile», ки дар шакли ҶММ дар шаҳри Намангон фаъолият дорад, аз субъектҳои соҳибкории муқтадир аст. Корхонае, ки иқтидори истеҳсолиаш дар як сол 4,5 ҳазор тонна аст, сачоқ ва хилъатҳои патдор истеҳсол менамояд. Дар айни ҳол дар ин ҷо беш аз 500 нафар меҳнат мекунанд. Корхона бо кишварҳои Русия, Белорус, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Руминия ва Чехия ҳамкориро ба роҳ мондааст. Ин аст, ки метавонад соле маҳсулоти 8-10 миллион доллар арзишдоштаро содирот намояд.*

***Дар акс:** дар корхонаи муштарак.*

***Аксбардор: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

ҲАР ЯК ОИЛА – СОҲИБКОР

## СОҲИБКОРӢ РУШДУ НУМӮЪ МЕКУНАД

Бо ҳокими ноҳияи Балиқчӣ Ҷасурбек Абдурайимов дар долони бинои ҳокимият вохӯрдем ва зери дарахтони паси ҳавлии ҳокимият суҳбат оростем. Дар ин гармои тоқатфарсо он ҷоро барои мулоқоту суҳбат беҳтарин ҷо меҳисобам, зеро ҳавояш софу салқин аст.

– Бино ба гуфтаи ҳокими вилоят тайи ду соли охир дар ноҳияи шумо соҳибкорӣ хеле ривоҷ меёбад. Мехостам бо баъзеи соҳибкороне суҳбат кунам, ки дар ҳавлиашон нав ба фаъолият шурӯъ кардаанд, – изҳор намудам ба вай.

– Дар он сурат бо шумо раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сортепа Баҳодурҷон Худойбердиев ҳамроҳӣ мекунад. Имсол дар ин ҷамоат як гурӯҳ соҳибкорони нав ба арсаи меҳнат қадам ниҳоданд, – гуфт ҳокими ноҳия.

Баъд ӯ тавассути телефон Баҳодурҷон Худойбердиевро вазифадор сохт, ки маро ба ҳавлии соҳибкорони маҳаллааш роҳбаладӣ намояд.

Маълум шуд, ки ҷамоати Сортепа 2274 нафар аҳолиро муттаҳид менамояд. Онҳо аъзои 650 хонавода мебошанд ва аксарият ба кишту парвариши зироатҳои гуногун, боғи мевазор ва ангур, ҳамчунин чорво ва парранда машғуланд. Дар ҷамоат ҳафт хонаводаи камбизоат ба қайд гирифта шудаанд ва бархе аз онҳо ба парвариши паррандаҳо ва харгӯш рӯ овардаанд.

– Гурӯҳеро ба корҳои мавсимӣ ҷалб намудем ва ҳар кадоми онҳо 750 ҳазор сӯмӣ маош мегиранд ва маишати оилавиашонро таъмин мекунанд, – гуфт Баҳодурҷон Худойбердиев.

Вақте ки ба ҳавлии сокини ҷамоати Сортепа Неъматулло Абдуқодиров даромадем, дар як гӯшаи он чанд қафаси парранда ва харгӯшпарварӣ ба чашмамон хӯрд.

– Ин паррандаҳову харгӯшҳоро барои парвариш ба мо корхонаи кластерии "Баркамол мӯйинаси" ҷудо кардааст. Дар шароити пандемияи коронавирус мо ба кор таъмин шудем. Ман солҳои дароз боз дар шаҳри Чимкенти Қазоқистон кор мекардам. Роҳҳо баста шуданд ва равуо бароямон мушкил гардид. Аммо ҳокимияти маҳаллӣ ба ҳимояи мо бархост ва ҳоло бо ҳамсару бачаҳоям ба парвариши ин паррандаву харгӯш шурӯъ намудем,– мегӯяд Неъматулло Абдуқодиров.

(Давомаш дар саҳ.2).

ҶАҲОНРО ХУРРАМӢ АЗ ДЕҲҚОН АСТ...

**_Полковник Анвар Ҳалимов 27 сол дар мақомоти корҳои дохилӣ дар вазифаҳои гуногун адои хизмат намуда, ба нафақа баромад. Дар шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Самарқанд бо ҳамин муносибат тантанаи хосса ба вуқӯъ пайваст. Сардору ҳамкасбон дар бораи ин марди кордон суханҳои таҳсиномез гуфта, аз рӯи анъана ҷомаву тоқӣ пӯшонда, истироҳати бофароғат таманно намуданд._**

# СУЛОЛАИ ДЕҲҚОНОН

Рӯзи дигар либоси худро иваз карда, сӯи дари кӯча мерафт, ки ҳамсараш Зӯҳро ба маънои «ҳа, боз ба куҷо?» суоломез сӯяш нигарист.

– Ба қабули ҳокими ноҳия рафта, илтимос мекунам, ки замин диҳад ва ман бо боғбонӣ машғул шавам, – гуфт ӯ. – Аз бекор – Худо безор.

Собиқ ҳокими ноҳия Баҳодур Саъдуллоев меҳмонро хуш пазируфт ва сабаби ташрифро пурсид.

– Раҳматӣ қиблагоҳам устухони мо, фарзандонро бо нони деҳқонӣ сахт кардааст, – гуфт Анвар Ҳалимов. – Агар шумо замин ҷудо кунед, анъанаи неки падари бузургворамро идома медодам.

Баҳодур Саъдуллоев назди худ заминченкуни ноҳияро даъват кард ва маслиҳат пурсид.

– Мурочиати ин кас ҳал мешавад, – табассум дар лабони танобчӣ ҳувайдо гашт. – Лекин камтар муаммо дорад. Гап дар он аст, ки фермерҳо заминҳои корами худро намедиҳанд.

Агар розӣ шаванд, марҳамат, дар мавзеи Чунгул (собиқ Қумзор) замин ҳаст. Бесоҳиб ва ба ободӣ муҳтоҷ.

– Дар нафақа ҳастем. Оҳиста-оҳиста боғу токзор барпо мекунем-дия, – гуфт Анвар Ҳалимов.

Баъди тайёр шудани ҳуҷҷатҳо ӯ бо заминченкун ба қитъаи ҷудошуда омаду ба тааҷҷуб афтод. Танобчӣ рост гуфта буд.

Барои ба замини корам табдил ёфтани қумзору партовгоҳи мардум се моҳ техникаи пуриқтидор заҳмат кашид. Баъзе ҳангоматалабон гумон доштанд, ки фермери нав тушбераро хом шумурдааст. Вай албатта, аз баҳри замин баромада меравад ва ин ҷо боз ба чарогоҳи бесоҳиб табдил меёбад.

Мард он аст, ки лаб бандаду бозу бикшояд. Чи ҷои руст кардан аст, гоҳ-гоҳ ҳамсараш дилсӯзона ғурунгос мезад, ки нафақа кофист, писару духтарҳо бо кор банд. Бинобар ин, гашти пирӣ ронад — беҳтар. Дар чунин лаҳзаҳо ӯ ҷавоб медод:

– Мард бояд боиси фахри сад писар бошад! Аҳду вафо гуфтаанд.

Дере нагузашта дар матбуот фармони сарвари давлат доир ба ривоҷ додани фаъолияти хоҷагии фермерии бисёрсоҳа эълон шуд, ки ба фаъолияти ӯ илҳом бахшид.

Чанде пеш мо ба хоҷагии фермерии «Тӯхта Тӯти боғлари» рафта, аз комёбиҳои Анвар Ҳалимов дар ҳайрат мондем. Қариб 7 гектар майдон ба боғу токзор табдил ёфтааст. Инчунин, дар ин ҷо беш аз 50 сар чорво парвариш меёбанд.

Бояд таъкид намуд, ки фермер барои рӯёндани ҳосили фаровон ба чанд вилояти кишварамон азми сафар намуд. Дар водии Фарғона сирру асрори ангурпарвариро омӯхт. Навдаи токро ба симвоиш бардоштанро ба роҳ монд, ки барои нобуд нашудан ва рӯёнидани ҳосили фаровон муфид аст. Тадбирҳои агротехникӣ – дорупошӣ, шаклдиҳӣ гарави серҳосил гардидани току дарахтон шуд.

– Дар мо об муаммо буд, – гуфт ӯ. – Ана барои чӣ чоҳ кофтем. Ҳоло аз 80 метр чуқурӣ оби ҳаёт ҷорист. Сонӣ, таҷрибаи падари бузургворам Тӯхтамуродбобо кор дод. Қиблагоҳам низ солҳои тӯлонӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу тартибот адои вазифа карда, одати бо бонги хурӯс хестанро доштанд. Баъди намози бомдод ҳама дар замин меҳнат мекардем, ки дар оила харидани маҳсулоти деҳқонӣ вуҷуд надошт. Модарам Тӯтиая дар хоҷагии ҷамоатӣ сардори звено буданд.

Ҳоло фарзандонам низ ба замин меҳру муҳаббати хосса доранд. Писари кенҷаам Хуршедҷон дар шафати ман аст.

Писари калонии оила Алишер Ҳалимов низ аз паси падар рафта, Академияи корҳои дохилии Тошкандро хатм карда, дар вилоят бо корҳои ҷустуҷӯи ҷиноӣ машғул буд. Сад дареғ, ки ҳангоми иҷрои вазифа ҳалок гардид. Майор Алишер Ҳалимов пас аз вафот бо ордени «Ҷасорат» мукофотонида шудааст. Писари дуюми ӯ Улуғбек сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Нарпай мебошад.

Анвар Ҳалимов инсони ғайратманду меҳнатқарин аст. Бо вуҷуди серкорӣ вақт ёфта ба шикор меравад, ба таҳияи шаҷараи авлодаш машғул мешавад, китобҳои таърихиро варақ мезанад. Боз як хислати аҷиби ӯ хайру эҳсон аст. Ҳар сол аз ҳисоби даромад ба оилаҳои камбизоат ёрии моддӣ мерасонад. Шиори ӯ «Хайру эҳсон – сифати неки инсон» аст.

– Ҳоло барои тадбиркорон, – мегӯяд қаҳрамони мо Анвар Ҳалимов, – Президент тамоми шароитро фароҳам овардааст, ки меҳнат кунем ва маблағ ёбем. Охир беҳуда нагуфтаанд:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз*
*деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе*
*бӯстон аст.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

АЗ ҲАЁТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

# ДАР КОРГОҲ КОР МЕҶӮШАД

**_Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ҳанӯз дар барномаҳои пеш аз интихоботии президентӣ баён карда буд, ки мо дар ҳар як ноҳия корхонаҳои азнавкоркарди пахтаро месозем, ҳам ҷои корӣ ба вуҷуд меояд, ҳам ашёи хомро коркард мекунем. Имрӯзҳо мардум баръало эътироф мекунанд, ки Президент дар қавлу амалаш якрӯст. Қариб дар ҳар як ноҳияе, ки ба пахтакорӣ тахассус ёфтааст, ақаллан як корхонаи саноатии калобаресӣ фаъолият мекунад._**



***Дар сурат:** ходими лабораторияи корхонаи «Paxtakor Teks»* ***Ӯғулой Сайганова.***

Ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах низ аз ин гуфтаҳо мустасно нест. Дар ин ҷо айни замон ду корхонаи калобаресӣ фаъолият дорад. Дар Ҷамияти масъулияташ маҳдуди "Paxtakor Teks ", ки ҳамчун корхонаи муштарак кор мекунад, 581 нафар бо кор банданд. Назар ба гуфти сарвари корхона Илҳом Абдураҳмонов 90 фоизи маҳсулот ба хориҷа содир карда мешавад.

– Агар соле 9 ҳазор тонна пахта аз нав коркард шавад, аз ин 7 ҳазору 600 тонна калоба истеҳсол мегардад. Русия, Хитой, Туркия, Италия харидорони асосии маҳсулоти корхонаи мо мебошанд, – мегӯяд Илҳом Абдураҳмонов. – Дар анборҳо муаммо нест. Рӯзҳои карантин бо сабабҳои маълум ҳамагӣ 15 рӯз корхона аз кор бозмонд. Аммо коргарон ба таътили пулакӣ баромада буданд.

– Ба кор таъмин намудани ҷавонон дар корхона мураккабӣ надорад, – мегӯяд масъули кадрҳо Индира Холматова, – онҳо се моҳ аз озмоиш мегузаранд. 16 нафар механикҳо аз вилояти Тошканд омада, кор мекунанд ва дар хобгоҳи корхона буду бош доранд.

– 65 фоизи коргарон бонувонанд, – гуфт раиси кумитаи бонувон Зулфия Хоҷабекова, – ба равуои онҳое, ки аз маҳаллаҳои гирду атроф ва ноҳияҳои ҳамсоя омада кор мекунанд, автобуси махсус хидмат мерасонад. Корҳо дар чор баст идома дорад. Имсол ба иттифоқи касаба аъзо гардидем. Акнун аз ин пас ҳуқуқу манфиатҳои дастандаркорони корхона пуштибонӣ карда мешавад. Ба ғайр аз ин барои таъмир ва бунёди хона ба онҳо ёрии моддӣ мерасонем.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Ҷиззах.**

**Суратгир: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

# МОҲИПАРВАРӢ НАТИҶАИ ХУБ МЕДИҲАД

Аҷоиботи дунё бисёр, одам дар зери об дер истода наметавонад. Аммо моҳӣ дар қаъри укёнусу дарё ва баҳрҳо зиндагӣ мекунад. Хелҳои он зиёданд. Гӯшти моҳиро мардуми мо аз замонҳои қадим истеъмол менамоянд. Вале маълум нест, ки он кай ба рӯйхати таомҳои миллӣ дохил шудааст. Бино ба фикри мутахассисон моҳӣ организми одамро бо сафеда таъмин менамояд, хушхӯру сабукҳазм мебошад. Гӯшташ аз хӯрокҳои парҳезӣ ба шумор меравад, кори ғадуди сипаршаклро беҳ, фаъолияти дилу рагро муътадил менамудааст. Шифокорон ба бемори қанд ҳам гӯшти моҳиро чун хӯроки парҳезӣ тавсия мекунанд. Аз моҳӣ мисли моҳибирён, моҳишӯрбо, паштет, котлет ва ғайра таомҳои гуногун тайёр мекунанд.

Дар мамлакатамон мувофиқи қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба рушди босуръати моҳипарварӣ» аз моҳи апрели соли 2018, ба мақсади зиёд кардани маҳсулоти моҳӣ корҳои зиёд ба амал татбиқ карда мешаванд.

Моҳӣ дар мамлакатамон асосан дар ду шароит: шароити табиӣ (дар кӯлу дарёҳо) ва шароити сунъӣ дар вилоятҳои Қашқадарё, Андиҷон, Наманган, Фарғона, Самарқанд, Ҷиззах, Навоӣ ва Сирдарё парвариш меёбад. Бино ба тавсияи Ташкилоти ҳифзи тандурустии ҷаҳон як одам дар як сол бояд 12 килограмм гӯшти моҳӣ истеъмол намояд. Дар кишварҳои наздибаҳрӣ ин нишондиҳанда аз меъёр мегузарад. Вале дар Ӯзбекистон, бино ба маълумоти ВАО, истеъмоли гӯшти моҳӣ ба сари аҳолӣ дар як сол ҳамагӣ 3 килограммро ташкил медодааст.

Имрӯзҳо ба мақсади зиёд кардани моҳӣ ва ривоҷ додани соҳаи моҳипарварӣ дар кӯлу дарёҳо, шолизор ва ҳавзҳои сунъӣ дар асоси технологияи пешқадами кишварҳои хориҷӣ саъю кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад.

Моҳипарварӣ дар Ҳайдаркӯл, ки дар ҳудуди ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ва ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах доман паҳн кардааст, дар асоси технологияи замонавӣ ривоҷ меёбад. Дар натиҷаи қарздиҳӣ аз тарафи бонкҳо ва дастгирии соҳибкорӣ ҷавонон ба моҳипарварӣ бештар ҷалб карда мешаванд.

Ҳоло бозорҳои пойтахтамон ва маркази вилоятҳо аз моҳиҳои пешонағафс, зағорамоҳӣ, амури сафед ва дигар намудҳои моҳӣ пур аст. Маълум мешавад, ки корҳо дар ин соҳа натиҷаи хуб медиҳанд. Корҳое, ки дар ҷумҳуриамон доир ба ривоҷ додани соҳаи моҳипарварӣ ба амал татбиқ карда мешаванд, ҷидду ҷаҳди соҳибкорон ва рақобати озод аз он дарак медиҳад, ки мардуми мо дар ояндаи наздик гӯшти серғизо ва парҳезии моҳиро бо нархи арзон истеъмол менамояд.

**Ҳилол РӮЗИЕВ,**
**омӯзгор аз ноҳияи Нурато.**

ХАБАРҲО

## Тасвири Ватан дар Герби давлатӣ

***2 июл ба қабул гардидани Герби давлатӣ 28 сол пур гашт.***

Дар тадбири ба тарзи робитаи онлайн суратгирифтае, ки таҳти ҳамкории Маркази маънавияту маърифати ҷумҳурӣ ва Вазорати дифоъ сурат гирифт, дар ҳамин бобат сухан рафт. Таъкид гашт, тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи Герби давлатӣ ифода ёфта, шаҳрвандони мо, ҳар шахсе, ки дар ин ҳудуд умр ба сар мебарад, бояд ба Герби давлатӣ эҳтиром гузорад. Ҳамоне, ки меъёру талабҳои дар ин ҳуҷҷат муайяншударо вайрон мекунад, ба тартибе, ки муқаррар шудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Боз гуфта шуд герб машъалаест роҳи моро равшан сохта ва ба иҷрои корҳои бузург, ки пеш истодаанд, раҳнамун месозад, дар атрофи он, ки Нишони давлатӣ низ номанд, аз нигоҳи ғоявӣ муттаҳидсозии ҷавонон басо муҳим.

Баъди маърӯзаҳо дар анҷумани илмӣ сурудҳо дар васфи Ватан садо доданд.

## Хоҳарони ҳунарманд

***Мегӯянд, эҳсоси ба Ватан доштаашро ҳар нафар ба таври худ таҷассум месозад. Истиқоматкунандаи ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона Насибахон Бобохонова бошад муҳаббаташро ба модар-Ватан тавассути гузаронидани риштаҳои нуқрагин ба матоъ ифода намуд: дар сӯзаниҳои ӯ Герби давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷилодору ҷолиб нақш ёфта ва диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад.***

Тақдирро нигаред, ки ӯ ва хоҳараш Шаҳноза ногиро мебошанд, вале бекор нишаста наметавонанд. Аз хурдсолӣ ба дӯзандагӣ ва дизайн шавқ доранд, маҳсули меҳнаташон бинобар хушсифатӣ – харидоргир. Портрети шоиру нависандагони номӣ, ситораҳои маънавиётамонро низ дар матоъ устодона инъикос менамоянд.

Ба муносибати Рӯзи Герби давлатӣ як гурӯҳ вакилони ҳокимияти вилоят ва ноҳия, намояндагон аз шуъбаи вилоятии Маркази маънавияти ҷумҳурӣ ба хонадони Бобохоноваҳо ташриф оварданд. Хоҳарони ҳунармандро бо туҳфаҳо сарфароз сохтанд.

## Ободгариҳо дар Сӯх

***Пандемия идома дорад, мавҷи нави он дар як қатор кишварҳо ба ташвиши мардум меафзояд. Дар нимаи дувуми сол 14 фоиз ихтисорёбии ҳаҷми вақти кории одамоне, ки ба ин ё он шуғл банданд, бекор мондани тақрибан 400 млн. нафар аҳолии дунё пешбинӣ мегардад, хабар додааст Хидмати матбуоти СММ.***

Хидмати матбуоти ҳокимияти ноҳияи Сӯх (вилояти Фарғона) хабар медиҳад, баҳри бартарафсозии мушкилоте, ки коронавирус тавлид сохт, мардум дучанд меҳнат мекунанд. Бинобар барқароршавии фаъолияти чоҳи артезианӣ дар маҳаллаи Чумоқча 150 хонадон ба оби нӯшокӣ таъмин гашт. Бо эҳтимоми соҳибкор Ш.Акбаров дар асоси шарикии давлатӣ дар маҳалла гузари замонавӣ барпо мегардад. Бо мақсади офаридани шароити муносиб ба аҳолӣ ва беҳсозии дараҷаи зист кӯчаҳо мумфарш мегарданд. Минҷумла, кӯчаи Ифтихори деҳаи Мулгон тахту ҳамвор шуда истодааст.

**Ш.МУҲАММАД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## Хишти аввал гузошта шуд

***Ин маросим дар ҳудуди Донишкадаи мошинсозии Андиҷон баргузор гардид. Дар маросими гузоштани хишти аввали "Боғи технологии ҷавонон" ҳокими вилоят Шӯҳрат Абдураҳмонов ва ректори ин донишкада Умед Турдиев ширкат варзиданд.***

Гуфта мешавад, ки дар технобоғи ҷадид студияи дизайни автомобил, маркази илмию истеҳсолии инноватсионӣ, ҳамчунин маркази таҷрибавии техникӣ ба фаъолият оғоз хоҳад кард.

– Ин боғи технологӣ барои ҷавонон имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад, то ки онҳо донишу маҳораташонро такмил диҳанд ва ғояҳои лоиҳаҳои навро байни худ муҳокимаву баррасӣ намоянд, – мегӯяд ректори донишкада Умед Турдиев.

Дар маросими гузоштани хишти нахустин як гурӯҳ собиқадорони соҳаи таълим ва фаъолони шаҳр иштирок карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти АНДИҶОН.*

# СОҲИБКОРӢ РУШДУ НУМӮЪ МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).





Ба гуфтаи ин ҳамсуҳбати мо як писараш– Ҳурматуллоҳ қарзи шаҳрвандиашро иҷро мекунад ва ба наздикӣ аз сафи артиш ба хона бармегардад. Вай низ бекор намемонад ва ҳамроҳи волидайн ба парвариши паррандаҳову харгӯшҳо машғул мешавад.

– Ана ин чӯҷаҳо баъди тахминан сиву панҷ рӯзи дигар тайёр мешаванд ва онро ба дастурхони мардум пешкаш мекунем. Шумораи харгӯшҳоямон аз панҷ сар ба бист сар афзоиш ёфт, – иброз дошт Неъматуллоҳ Абдуқодиров.

– Соҳибкорони нави мо баъди афзудани саршумори харгӯшҳо бачаҳояшро дар худ нигоҳ медоранд ва боз онро парвариш мекунанду афзоиш медиҳанд, аммо модахаргӯшҳоро ба корхонаи кластерӣ бармегардонанд. Дар ин миён барои меҳнати кардаашон ҳар моҳ 500 ҳазор сӯм маош низ ба даст меоранд,– ба суҳбат ҳамроҳ шуд раиси ҷамоат Баҳодурҷон Худойбердиев.

Вай боз таъкид кард, ки сокинони ҷамоат мувофиқи хоҳиш ва салоҳияти худ парвариши паррандa ё харгӯшро бар ӯҳда мегиранд. 35-40 рӯз мегузараду паррандаҳо калон мешаванду барои гӯшт онро бурда месупоранд. Аммо харгӯшҳо солона чаҳор маротиба афзоиш меёфтаанд.

– Яҳёбек Норматов пештар низ ба парвариши харгӯшҳо машғул мешуд, вале саршумори он кам буд. Акнун ба вай корхонаи кластерӣ боз ҳашт сар харгӯши калон ҷудо кард,– гуфт раиси ҷамоат.

– Бале, кас аз харгӯшпарварӣ низ даромади хуб ба даст меорад. Харгӯшҳо дар 27 рӯз мезоянду афзоиш меёбанд. Гӯшти он дар баробари парҳезӣ будан барои баъзе бемориҳо дору низ мебошад. Нархаш нисбати гӯшти гову гӯсфанд 30-40 дарсад арзон аст, – мегӯяд Яҳёбек Норматов.

Вай боз тазаккур дод, ки ин харгӯшҳо гибрид ё микс мебошанд. Чунин харгӯшҳо заминро кофта, ҳама ҷоро хоктӯда намекунанд, аз як ҷо ба ҷои дигар намегурезанд. Аз мӯи ин харгӯшҳо кулоҳҳои гуногун тайёр мекунанд ва гӯшташ барои истеъмол низ хуб аст.

Дилором Исмоилова Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳонро хатм кардааст ва аз соли 2016 инҷониб нафақахӯр мебошад. Солҳои дароз аз забони англисӣ сабақ додааст, дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардааст. Аммо имрӯз ба ҳайси яке аз соҳибкорони маъруфи вилояти Андиҷон шинохта шудааст.

– Аввал ба бозомӯзии як гурӯҳ ҷавонон оғоз намудам. Ҳоло дар байни сӣ нафар шогирдон ҳафт нафарро ҷавонони бозомӯзе ташкил медиҳанд, ки аз шумори фарзандони оилаҳои камбизоати ҷамоатамон маҳсуб меёбанд. Ба онҳо ройгон дарси англисӣ мегузарам. Дар рӯзҳои карантин ва ба манзури пешгирӣ аз пахши коронавирус дарсҳоро аз тариқи онлайн идома дода истодаам,– мегӯяд Дилором Исмоилова.

– Аммо шуморо ба ҳайси соҳибкор ба мо муаррифӣ карданд-ку? – рӯй овардам ба ин хонум.

– Ҳозир бо ҳам дар ҳавлӣ сайр хоҳем кард. Шумо мебинед, ки ману шавҳарам баъди ба нафақа баромадан ба кадом корҳо даст задем, – кӯтоҳ посух дод Дилором.

Баъд аз мо даъват кард, ки пеш аз "сайри" ҳавлӣ аз меваҳои рӯи дастурхон бичашем.

Дар тарафи рости ҳавлӣ гармхона сохтаанд. Дохили он ниҳолҳои зиёди лимуву афлесун нашъунамо ёфтаву ба чаҳор тараф шоху шона паҳн карда буданд.

– Се сол муқаддам ин гармхонаро бунёд кардем. Кӯчатҳоро худамон парвариш кардем. Парвариш ва нигоҳубини хуби ниҳолҳо низ мусоидат менамояд, ки он зуд ба ҳосил дарояд. Ба ин тараф нигаред. Ин дарахтони афлесуну мандаринанд. Мо гумон мекардем, ки ин ниҳолҳои субтропикӣ ҳаргиз ба муҳити мо хос наянд ва намесабзанду ҳосил намедиҳанд. Аммо имсол ҳосили зиёд ба даст хоҳем овард, – гуфт ӯ.

Дар поёнтари ҳавлӣ қуттиҳои зиёди занбӯриасалпарварӣ гузошта буданд. Ба гуфтаи соҳибхона занбӯрҳои асалро ду сол инҷониб парвариш мекунанд. Соли гузашта 500 килограмм асали тоза гирифтанд. Нигоҳубини он ба дӯши писари калонии хонавода Хуршедбек будааст.

– Аз хонаводаи мо касе ба ягон ҷо ба ҷустуҷӯи кор намеравад. Ҳамин замини назди ҳавлиамон аъзои хонаводаи моро мепояд. Ману ҳамсарам аз аввал ба тарбияи фарзандон таваҷҷӯҳ кардем ва имрӯз самараи онро худамон дида истодаем, – мегӯяд сардори оила Турсуналӣ Пӯлатов.

Тавре ки вай боз таъкид кард, аксари соҳибкорону фермерҳо кӯчатҳоро аз онҳо харида мебаранд. То ин замон ба миқдори зиёд кӯчатҳои помидору бодиринг ва турбу карам фурӯхтаанд.

– Баъзеҳо баъди ҷамъоварии ҳосили кишт дар ҷои он карам, помидор ё бодиринг парвариш мекунанд. Ин кӯчатҳоро имрӯз ё фардо харидорон омада мебаранд. Дар он тараф кӯчатҳои нав майса задаанд. Дувоздаҳ моҳ дар хона мо ба парвариши кӯчатҳои гуногун машғулем. Танҳо аз ҳамин ҳисоб буҷаи хонавода соли равон ҳудуди понздаҳ миллион сӯм даромад ба даст овард, – мегӯяд бо ифтихор Турсуналӣ.

– Дар ин ҳавлӣ панҷ ташаббуси Президенти мамлакат татбиқ мегардад. Аъзои хонавода дар ривоҷи илму маърифат, варзиш, таъмин ба ҷои кор ва амсоли он ҳиссаи калон мегузоранд. Дар ҷамъоварии ҳосил ва ба қуттиҳо ҷой кардани он аз нерӯи ҷавонони маҳалла низ истифода мекунанд ва дар ивази меҳнат барояшон дастмузд мепардозанд, – мегӯяд Баҳодурҷон Худойбердиев.

Вай илова кард, ки мо метавонем боз ба чанд хонаводаи дигари маҳаллаи Сортепа сар занем. Дар ин шароити барои тамоми мардумамон мураккаб сортепагиҳо аз роҳи меҳнат худро аз мушкилоти иқтисодӣ наҷот медиҳанд ва маишати оилавиашонро таъмин мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти АНДИҶОН.*

**Ба муносибати 100-солагии Саид Аҳмад**

# АДИБИ ПИСАНДИДАИ ХАЛҚ

***Нависандаи барҷаста Саид Аҳмад, ки 100-солагиаш таҷлил мегардад, дар насри муосири ӯзбек мақоми ба худ хос дорад. «Даштҳои қадрдон», «Ҳукм», «Уфуқ», «Сукунат» барин қисса ва романҳои ӯ дар хазинаи адабиёти халқи бародар ганҷинаи бебаҳоянд.***



Бо шахсият, муомила ва муносибат низ ӯ намунаи ибрат буд. Тавре ҳамсари бовафояш Саида Зуннунова қайд карда, вай дар кӯча ва давраҳо одами ҳазлкаш, шӯху беғубор ба назар мерасид, аммо асное ба сари мизи корӣ нишаст, шоири лирик, носири ҷиддиро мемонд.

Маълум, ки ҳамсинн ва ҳамсафонаш Ҳ. Ғулом, А. Мухтор, Мирмуҳсин, Шуҳрат, Шукрулло, С. Зуннунова ҳам дар назм ва ҳам дар наср эҷод мекарданд. Саид Аҳмад дар ҷавонӣ як қатор шеърҳо навишта бошад ҳам, даъвои шоирӣ накардааст. Вале тавре ки адабиётшинос Умаралӣ Норматов зикр намуда, «ӯ дар наср чун шоир худро намоён сохт, ҳикоя, қисса, роман, ҳатто мазҳака ва ҳаҷвиёташ рӯҳи назмӣ дошта, намунаҳои насриаш чун шеър ҷарангос мезананд, беҳтарин ҳикояҳояш чун шеърияти дилангез мутолиа мегарданд».

Саид Аҳмад зодаи шаҳр аст, дар маҳаллаи Самарқанддарвозаи Тошканди азим ба дунё омадааст, вале бачагиаш асосан дар деҳоти атрофи шаҳр гузашт. Қобилияти расмкашӣ, ки дошт, ба деҳаҳо мебаромад, манзараофарӣ мекард. Ҳусни хати хуб дошт, раиси хоҷагиҳо аспсавор омада, ӯро бо худ мебурданд, то дар баровардани рӯзномаҳои деворӣ ва навиштани шиор ба матоъҳо кӯмак кунад.

Дар хотираҳояш навиштааст: «Касби рӯзноманигориро, ки интихоб кардам, бо супориши редаксияҳо ба вилоятҳои дуру наздик мерафтам. То пурра ба истифода супурда шудани сохтмони канали Тошсоқа дар Хоразм мондам. Гоҳ аз Чирчиқ, гоҳ аз Чуст, гоҳ аз Бухоро хабарҳо менавиштам, бахшида ба ҳаёти онҳое, ки заминҳои бекорхобидаро азхуд мекарданд, очеркҳо таълиф месохтам. Асное ГЭС-и Бӯзсув, канали Лоғон, Канали калони Фарғона, Канали Фарғонаи Ҷанубӣ ва ГЭС-и Фарҳод барпо мегашт, мухбирӣ кардаам, дар оғӯши ҳаёте, ки ҷӯш мезад, дар ҷабҳаҳои меҳнати бунёдгарона бо одаму олам шинос шудаам».

Бале, Саид Аҳмад ҳанӯз аз наврасию ҷавонӣ дар кӯраи меҳнат обутоб ёфт, таҷрибаи ҳаётие, ки он солҳо андӯхт, минбаъд дар тақдири эҷодиаш нақши равшан бозиданд.

Саид Аҳмад кадом чеҳраҳои намоёни адабро устод мешумурд, аз шогирдонаш маҳсули эҷоди кадом нависандагонро бештар меписандид?

Ман бо таъсири ҳикояҳои ҳаҷвии Ғафур Ғулом ба адабиёт ворид шудаам, таъкид сохта буд Саид Аҳмад. Баъдтар бо худи Ғ. Ғулом аз наздик шинос шуд, аз вай таълим гирифт. Пас он санъат ва маҳорати мухтасарбаёнӣ дар ҳикоянависӣ, суханони таҳдор гуфтан, ба торҳои нозуки дили китобхон ҳунари устокорона нохун заданро аз Абдулло Қаҳҳор омӯхт. Аммо ба тақлид дода нашуд. Бо азбарсозии маҳорати қаламронӣ ва санъаткориашон тавфиқ ёфт ва асарҳои ҷолиб офарид. Саъй сохт роҳи хоси эҷодӣ дошта бошад, услуби дигаронро такрор нанамояд.

Соли 1956 нависанда ба чӯлҳои Олтиариқи вилояти Фарғона рафт. Вай рӯзе ба савораи сиёҳҷурдае дучор омад, ки ӯро «гурги чӯл» меномиданд. Вай яке аз инсонҳое будааст дар чӯл, ки дар роҳи азхудкунии заминҳои бекорхобида фидокориҳо нишон дода ва ҳатто бо гург, шағол, хӯкҳои ёбоӣ, ки пеш меомаданд ё ҳуҷум мекарданд, афтударафт намудааст. Хост дар борааш чизе нависад. Вале образи «гурги чӯл» барояш ногуворттар расид. Баъд қарор кард онро ба «уқоби чӯл» иваз намояд.

Ҳамин тавр, ҳикояи «Уқоби чӯл» тавлид ёфт. Ҳикоя дар «Ӯзбекистон маданияти» ба чоп расид.

Трилогияи «Уфуқ» (1964) воқеаҳои пеш аз давраиҷангӣ, давраи ҷанг ва баъдиҷангӣ дар Фарғонаро дар бар гирифтаанд. Чӣ дар кандани Канали калони Фарғона ва чӣ кушодани заминҳои нав дар водӣ, хусусан обёрии чӯлҳои Ёзёвон адиб шахсан иштирок карда, асосан воқеоти бо чашм дида ва аз забони шахсони аниқ шунидаашро муасcир ба қалам гирифтааст.

Нависанда дар солҳои тӯфонии панҷоҳум ба табъид дучор гашт, азоби ҳабс ва бадарғаро кашид. Ба сифати узви гурӯҳи миллатгаро айбдор шуду дар вилояти Қарағандаи Қазоқистон, дар лагери Ҷезқазғон ба шиканҷаи ҷисмонию рӯҳӣ гирифтор гашт. Ҳар чӣ аз сар гузаронд, баъдтар дар асараш «Маҷнуни чашмсиёҳ» (2002) ҳақиқати талхи ондавраинаро таъсирбахш баён намуд.

Солҳое, ки Саид Аҳмад чун «тарғибгари ғояҳои зарарнок» уқубатҳои табъидро дар лагерҳои сталинӣ аз сар мегузаронд, ҳамсараш Саида Зуннуноваро низ шиканҷа доданд. Ҳамчун завҷаи «душмани халқ» ӯро аз кор ронданд, чопи асарҳояшро боздоштанд, таъқиб намуданд. Бахшида ба воқеаҳое, ки дар солҳои пурошӯб зану шавҳар гувоҳ шуданд ва аз сар гузаронданд, ба наздикӣ филми телевизионии панҷқисмата бо унвони «Сабр ва садоқат» офарида шуд.

Саид Аҳмад, ки бо ҳикояҳои ҳаҷвиаш «Ханка ва Танка», «Дӯсти ман Баббаев», «Лаъли Бадахшон» чун юморист ном баровард, як қатор асарҳои саҳнавии мазҳакавӣ, интермедияҳои лабрез аз мутоибот низ офарид.

Драмаи ӯ «Исёни арӯсон», ки фарогири проблемаҳои оилавӣ, муносибатҳои модаршӯ ва арӯс аст, адибро боз ҳам шуҳратманд гардонд. Ҷуз спектакл, ки Театри академӣ-драмавии ба номи Ҳамза ба саҳна гузошт, бо ҳамин унвон филми бадеӣ ба сурат бардошта шуд.

«Исёни арӯсон» аз ҷониби ҳунарпешагони театрҳои Қазоқистон, Туркманистон, Тоҷикистон низ ба саҳна гузошта шуд.

Қисмате аз асарҳои соҳиби як қатор мукофотҳои давлатӣ, дорандаи орденҳои «Дӯстлик» ва «Буюк хизматлари учун», Қаҳрамони Ӯзбекистон Саид Аҳмад ба тоҷикӣ низ тарҷума шудаанд.

Адиб бо «Овози тоҷик» ҳамкорӣ дошт, ҳикояҳояш дар баргардониши Ҷонибек Қувноқ дар саҳифаҳои он ба табъ мерасиданд.

**М. ШОДИЕВ.**

*АКСИ САДО*

# ФАЗОИ КУШОДИ ОШКОРБАЁНӢ ВА РӮШОДГӮЙӢ

***Бо ибтикороти сарвари мамлакат тӯли сечор соли охир дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла дар бахши расонаҳои ахбори оммавӣ, ислоҳоти тақдирсоз идома доранд. Бар асари ислоҳот фазои ошкорбаёнӣ ва рӯшодгӯйӣ ба таври назаррас боз гардид, дар саҳифаҳои матбуот матолиби таҳлилию танқидӣ пайдо шуданд, матбуот, ки оинаи ҳаёташ меноманд, дар баробари зиндагии воқеӣ қарор мегирад.***

Ҳар сол Президент ба ходимони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ, ба муносибати ҷашни касбиашон, номаи табрикӣ ирсол медорад. Суханони табрикии ӯ, ки саршор аз меҳр буд, мисли ҳамеша имсол низ ба шодию дилгармӣ, рағбат ва шуҷоати ходимони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ афзуд.

Фикр мекунам, хоссатан, ин суханони роҳбари давлат: «... дар се соли охир беш аз даҳ ҳуҷҷати қонунгузорӣ дар самти мазкур (ҷанбаи иттилоот дар назар аст) қабул гардид», «Аз ҳама муҳимаш, расонаҳои ахбори оммавии ватанӣ, ҷараёнҳои доманфарохи бозсозии мамлакатро аз ҳар ҷиҳат таҳлил намуда, диққати идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятро ба мушкилоти иҷтимоӣ ва камбудӣ дар маҳалҳо менигаронанд».

Бояд гуфт, ки рӯшодгӯйӣ ва ошкорбаёние, ки ҳоло дар фазои матбуот болупар мезанад, чанд сол қабл вуҷуд надошт. Ҳама саргарми ситоиш буданд, чун мегуфтанд: «танқид кунед», дами ходимони матбуот ба дарун мезад. Фазои сухани имрӯз аз фазои сухани дирӯз куллан фарқ дорад.

Дар табрикоти хеш роҳбари давлат ҳамчунин изҳор дошта, ки «Дар солҳои охир қариб 290 нашрияи интернетии хусусӣ ва идоравӣ созмон дода шуданд». Дар доман густурдани фазои ошкорбаёнӣ хидмати блогерҳоро набояд нодида гирифт. Онҳо ҳарчанд журналисти касбӣ нестанд, аммо аксарияташон тибқи қонунҳои мавҷуда ва қарору фармонҳои роҳбари давлат мушкили мардумро дар маҳалҳо натанҳо барои шаҳрвандони мамлакат, балки ба аҳли ҷомеаи ҷаҳон низ менамоянд. Ҳокимон ва мансабдорони кишварро водор месозанд, ки шаффофияти кору фаъолиятро таъмин созанд, бо дарду ғами халқ ба сар баранд. Бояд гуфт, ки баъзе расонаҳои ахбори оммавии чопӣ дар ин раванд ҳанӯз фаъол нестанд, дар онҳо матолиби таҳлилию танқидӣ кам чоп мешаванд, ба рӯйи журналистон дари мансабдорони давлатӣ ба осонӣ боз намегардад, хабарнигорон дар гирифтани маълумоти зарурӣ аз ходимони хидмати матбуоти корхонаву идораҳо ба мушкилӣ мувоҷеҳ мешаванд...

Дар қатори нашрияҳои ҷумҳурӣ рӯзномаи «Овози тоҷик» низ яке аз расонаҳои ахбори оммавӣ маҳсуб меёбад, ки қариб як аср боз дар хидмати мардум аст. Баъзе мансабдорони идораҳои давлатӣ ва ходимони хидмати матбуот пеш аз он ки маълумотеро ба мо пешниҳод намоянд, дар худ меандешанд: «Ба «Овози Тоҷикистон» оё чизе пешниҳод кардан мешавад? Магар гап намешунавем?..» То ба онҳо мефаҳмонед, ки «Овози тоҷик» рӯзномаи Тоҷикистон нест, рӯзномаи Шӯрои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст», яку ду рӯз мегузарад. Роқими ин сатрҳо бо ин мушкилот (фикр мекунам дигарон низ) борҳо мувоҷеҳ шудааст...

Президент шурӯъ аз соли аввали кору фаъолияташ як шиори созандаро ба миён гузошт, ки ин аст: «На халқ ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд!».

Ба фикрам, ӯ хеле хуб медонад, ки танҳо волоияти қонун, матбуоти озод ва ошкорбаёнию рӯшодгӯйӣ водор месозад, ки шаффофияти кору фаъолияти идораҳои давлатӣ таъмин гардад ва ходимони мақомоти давлатӣ ба халқ хидмат кунанд.

Тавре ки сарвари давлат дар табрики хеш таъкид намудааст: «Мо бояд дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба талаботи қатъӣ ва маҳакҳои журналистика, ки дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд, риоя намоем. Муҳимтарин принсипҳои он объективӣ ва эътимоднокист». Объективӣ, яъне беғараз ва бо назардошти манфиати давлату ҷамъият равшан кардани ҳодисаҳо. Барои ин, бояд дар доираи қонун амал кард. Дар ҳамон сурат манзара бо тамоми паҳлуҳояш пеши назари хонанда менамояд.

Бале, «ҳар касе, ки дар фазои иттилоот фаъолият менамояд — хоҳ журналист, хоҳ блогер бояд ба ин қоида (принсипи объективӣ ва эътимоднокӣ) риоя кунад».

**Абдулло СУБҲОНОВ,**
**муҳаррири шуъбаи «Овози тоҷик».**

***Алҳол дар тамоми соҳаҳо ислоҳоти васеъмиқёс марҳила ба марҳила амалӣ гардида мушкилиҳои мавҷуда ҳаллу фасл мешаванд. Дар ин бобат соҳаҳои маданият ва санъат ҳам аз эътибор соқит нест, барои пешравии ин самтҳо низ чораҳои муфид татбиқ мегарданд.***

# ЭЪТИБОР БА МАДАНИЯТ ВА САНЪАТ МЕАФЗОЯД

Фармони Президент «Дар бораи чораҳои дар ҳаёти ҷамъият минбаъд афзудани мақом ва таъсири соҳаҳои маданият ва санъат» ва Қарори Президент «Дар бораи чораҳои инкишоф додани фаъолияти Вазорати маданияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон» эълон гардиданд. Ин фармону қарори сарвари давлат хурсандии мо – кормандони соҳаро дучанд карданд.

Онҳо ба боз ҳам инкишоф додани маданияти миллӣ, офаридани таърихи нави Ӯзбекистон, тарғибу ташвиқ ва ҳифз кардани мероси маданӣ, арзишҳои моддию ғайримоддӣ, оммавӣ гардонидани санъати шифоҳии халқ нигаронида шудаанд.

Дар кишвар гузаронидани «Ҷашнвораи байналхалқии мақом», «Ҷашнвораи байналхалқии бахшигӣ», «Ҷашнвораи байналхалқии мусиқии «Тароҳаҳои Шарқ», «Фестивали байналхалқии мусиқиву фолклории «Шоҳроҳи абрешим» ва «Фестивали байналхалқии «Сеҳри рақс» ба ҳукми анъана даромаданд. Баргузории ин чораву тадбирҳо гувоҳи дар ҷумҳуриамон афзудани эътибор ба соҳаҳои маданият ва санъат мебошад.

Дар саросари кишвар аз рӯйи Барномаи давлатии «Обод марказ» биноҳои марказҳои маданият аз таъмир ва тармими умумӣ баровардa шуда, ба дӯстдорони маданияту санъат дари худро боз карданд. Алҳол онҳо ба ҷойи дӯстдоштаи ҳаводорони санъат табдил ёфтаанд. Ҷавонон дар маҳфилҳои гуногуни доир ба мусиқӣ ва санъат фаъол иштирок менамоянд. Қобили қайд аст, ки бинои муҳташами Маркази маданият, ки дар маркази ноҳиямон воқеъ аст, баъди таъмир ва таҷдиди куллӣ ҳусни онро дучанд кард.

Бо вуҷуди пешравиҳо ҳанӯз дар соҳаи маданият ва санъат масъалаҳои ҳалталаб мавҷуд буда, барои ҳаллу фасли онҳо саъю кӯшиш карда мешавад. Яъне ислоҳоти соҳа идома дорад, барои рушди муассисаҳои маданият корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд.

Барои зиёд кардани шавқу завқи насли наврас ба маданияти миллӣ ва ба роҳ мондани истироҳати фарҳангии онҳо, ташкил кардани «Театрҳои лӯхтак» ва сохтмони биноҳои театр, аз ҷумла дар вилоят пешбинӣ шудааст.

Тавре ки маълум аст, дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ ҳамчун филиали Осорхонаи давлатии маданият ва таърих, ташкил кардани осорхонаҳои кишваршиносӣ пешбинӣ шудааст.

Барои рағбатноксозии кормандони маданият ва санъат, ки дар ҷомеа мақоми муносиби худро доранд, ҳар сол 15-апрел Рӯзи кормандони маданият ва санъати Ӯзбекистон эълон гардид.

Мо бо ҳамдиёронамон Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Меҳрӣ Бекҷонова ва санъаткорони боистеъдод, бародарон Искандар ва Самандар Ҳамроқулов, ки дар пойтахт кору эҷод мекунанд, ифтихор дорем. Умедворем, ки дар оянда низ аз ноҳиямон чунин санъаткорони соҳибистеъдод ба камол мерасанд.

**Гӯзал ҲУСАНОВА,**
**мудири шуъбаи маданияти ноҳияи Попи вилояти Намангон.**

*ДАР НИГОРИСТОН*

# САНЪАТИ ИКЕБАНА

**Ба қарибӣ дар Қасри корвони байналхалқии фарҳанги Икуо Хираямаи Тошканд бо ҳамкории сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон намоишгоҳи фотосуратҳои «Санъати икебана», аз силсилаи Ҷопон, ифтитоҳ ёфт.**



Икебана вожаи ҷопонӣ буда, «ике» маънои ҳаётро дорад ва «бана» ё «хана» ба маънии гул бошад.

Ин санъати анъанавӣ дар Кишвари тулӯи Офтоб дар қарни XV пайдо шудааст.

Дар офаридани ин намуди санъат маҳсулоти гуногуни табиӣ, мисли шохча, растанӣ, гул, мева, барг, алафи хушк, хок, рег, санг, об ва дигар ашё мавриди истифода қарор мегирад. Композитсияи омодагардидаро дар гулдон ва зарфҳои махсус мегузоранд.

Дар Ҷопон ба мисли Икенобо, Охара ва Согэтсу мактабҳои Икебана мавҷуданд. Дар намоишгоҳ беш аз 60 нусха фотосурате, ки дар онҳо усулу шеваи мактабҳои гуногун инъикос ёфтаанд, ба маъраз гузошта шудааст.

Алоқамандони санъат метавонанд бевосита аз толори намоишгоҳии қасри мазкур, ҳамчунин тавассути сайти расмии он — www. caravanserai.uz ва Фейсбук бо фотосуратҳо ошно шаванд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**
**Суратгир: О. ҒУЛОМОВ (ЎзА).**

*МАШЪАЛОНИ МАОРИФ*

# МАРДИ ХИРАД

***Табиати одам дар талоши ҳаёт рангоранг будааст. Яке мунтазам машғули ҷамъоварии молу мулк аз мардум ҳамеша канораҷӯйӣ намуда, ба шодию сурур ва ғаму андӯҳи онҳо бефарқ аст. Тоифаи дигар низ ба ҷамъоварии пулу сарват майл доранд, вале ҳамеша бо замон ва мардум ҳамнафасанд. Дар бунёдкорӣ ва ободонии кишвар саҳм мегиранд. Манфиати халқу кишварро аз манфиати худ афзал медонанд. Тоифаи дигари одамон ба ҷамъоварии пулу сарват майл надоранд. Мақсади онҳо дар талоши зиндагӣ ҳимояи манфиати халқу кишвар аст. Маънии ҳаёти худро дар ободонии кишвар ва фаровонии зиндагии мардум мебинанд. Сарвати онҳо ҳимояи анъана, урфу одат, мероси пурғановати аҷдод ва билохира маърифату маънавият, худогоҳиву худшиносии халқ асту бас.***

Қаҳрамони мо Ҳотам Бозоров ба тоифаи савум нисбат дорад. То ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта ӯро шахсан намешинохтам. Ному насабашро аз дӯстон шунидаам ва дар расонаҳои ахбори оммавӣ навиштаҳояшро хонда будам.

Дидорбинии аввалини мо соли 1985 ба вуқӯъ омад. Маро ба конфронси бахшида ба зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров дар мактаби деҳаи Моҷарм даъват намуданд. Бояд дар бораи давлати Сомониён маърӯза мекардам. Он ҷо бо Ҳотам Бозоров ошноӣ пайдо намудем. Минбаъд ин шиносоӣ боз ҳам қавитар гардид.

Марди миёнақад, фурӯтан ва хеле камгап буд ӯ. Ба забони адабӣ равон ҳарф мезад. Аз суханронииаш ошкор буд, ки маърифату маънавияти воло дорад. Ҳар як суханаш мағз андар мағзи дилҳо ҷой мегирифт. Бедордилу худогоҳ буд.

Ҳотам Бозоров соли 1939 дар деҳаи хушманзараи Ӯхми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах таваллуд шудааст. Соли 1962 факултаи таърих филологияи Донишкадаи омӯзгории Ленинобод (ҳозир Хуҷанд)-ро бо дипломи имтиёзнок хатм намуда, фаъолияти омӯзгориро дар мактаби зодгоҳаш оғоз намуд. Омӯзгор, ҷонишини директор оиди корҳои таълиму тарбия ва ҳамчун директори мактаб фаъолият намудааст. Ин марди бофарҳанг бисёр заҳматкаш аст. Пайваста меомӯзад. Китобхонае пур аз осори мондагор дорад. Чун забони модарӣ забонҳои ӯзбекӣ ва русиро хуб балад аст ва ба ду забон эҷод мекунад. Алифбои арабиасосро хуб медонад. Аз манбаъҳои таърихӣ фаровон истифода мебарад.

Мегӯянд, ки бе ҳофизаи таърихӣ халқ оянда надорад. Ин ҳикмати мондагорро Ҳотам Бозоров хуб дарк намудааст. Ӯ чун як нафар эҷодкор дар ин роҳ зиёд заҳмат кашид, бисёр сафар кард, бо шахсиятҳои зиёд ҳамсуҳбат шуд, матолиби зиёди таърихӣ-фарҳангиро ҷамъоварӣ намуд. Китоби «Шароран хотираҳо, ё худ Ӯхм ва ӯхмиён» (331 саҳифа) соли 2015 аз чоп баромад. Китоб аз ҳафт қисм иборат буда, оид ба таърихи бостон ва навин, маориф ва фарҳанг, намунаҳои фолклори мардум, табиати Ӯхм, шахсиятҳои маъруфи деҳа ва авлодҳои ӯхмиён дар заминаи манобеи хаттии таърихӣ ва ёддоштҳои ӯхмиён маълумоти боэътимод ва саҳеҳ медиҳад.

Муаллиф аз гузаштаву имрӯзи ҳамдеҳагон ифтихор дорад. Оиди 14 нафар доктор ва номзадҳои илм, ки дастпарварони деҳаи Ӯхм мебошанд, маълумоти саҳеҳ додааст. Доктори илмҳои педагогика, профессор, собиқ ҷонишини аввали вазири таълими халқ, шодравон Рустам Аҳлиддинов, доктори илмҳои биологӣ , профессор Намозбой Бердиев, номзади илмҳои математика, дотсент Ғанибой Эргашев, номзади илмҳои биологӣ, дотсент Инобат Ширинова ва дигарон ифтихори ӯхмиён гардидаанд.

Ҳотам Бозоров аз пешрафт ва комёбиҳои кишвар меболад, аз дастовардҳои ҳамдеҳагон мефахрад, аз нокомиҳо дард дорад. Афсӯс мехӯрад, ки имрӯз одамон китобу рӯзномаю маҷалла кам мехонанд, ҳатто хешовандони наздики худро намешиносанд.

Бешубҳа, «Шароран хотираҳо» дар ислоҳи чунин иштибоҳот саҳм мегирад. Устод чун як марди хирад дар давоми ҳаёт кореро анҷом додааст, ки сутуданист.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

*КИТОБИЁТ*

# ОИЛАИ ФАРҲАНГПАРВАР

Ба қарибӣ падарамон аз Самарқанд барои мо чанд китоби нав тухфа оварданд. Байни онҳо як китоби тозанашр дар бораи Мирзо Улуғбек ҳам буд.

Дар Самарқанд чанд оилаи муътабар ҳаст, ки яке аз онҳо оилаи Сироҷиддиновҳо аз ноҳияи Тайлоқ аст. Намояндагони маъруфи ин оила – шоири шаҳир Ҷамол Сироҷиддини Хумӣ ва овозхони нозукадо Баҳодури Танбӯр ҳамеша вирди забонҳост. Пайваста бо номи падар – Камолиддини Ҳофиз номи бародарон Шарофиддин, Икромиддин, Илҳом, Илёс, Бахтиёр низ бо эҳтироми хоса ба забон гирифта мешавад.

Дар бораи фаъолияти серсоҳаи аҳли ин оила ва хидматҳои неки онҳо дар назди халқу Ватан китобу мақолаҳои зиёде навишта, филмҳои мустанад ба навор бардошта шудаанд. Ба қарибӣ нашриёти «Qaqnus Media» дар Тошканд китоби нави яке аз фарзандони ин оила, донишманди таърихи диёр Икромиддин Сироҷиддиновро таҳти номи «Меърочи Мирзо Улуғбек» ба забони ӯзбекӣ аз нашр баровардааст.

Ногуфта намонад, ки Икромиддин чандин сол боз дар осорхонаи Мирзо Улуғбек, воқеъ дар назди расадхонаи ин ситорашинос – дар баландии Кӯҳаки Самарқанд, ҳамчун донандаи хуби таърихи диёр ба зиёраткунандагон вазифаи роҳбаладӣ (гид)-ро иҷро мекунад.

Китоби мазкур аз се қисм иборат буда, дар қисми аввали он мақолаҳои илмӣ доир ба Мирзо Улуғбек ҷой дода шудаанд. Олим, инчунин, дар хусуси пайдоиши чанд вожа маълумоти тозаи илмӣ пешниҳод менамояд.

Қисми муайяни ин китоби пурмуҳтаворо маълумот дар бораи шаҷараи Сироҷиддиновҳо ташкил менамояд, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

Муаллифи китоб аз ҷумла дар бораи Ҷамолиддин Сироҷиддин менависад: «Мавлоно Ҷамолиддин Сироҷиддини Хумӣ 21 июли соли 1955 дар деҳаи Қозихона, воқеъ дар соҳили наҳри Сиёб, ки алъон тобеи ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд аст, ба дунё омадааст. Ҷамолиддин аз ҳар ҷиҳат мукаммал ба воя расид. Гарчи риштаи умри ӯ барвақт канда шуд, лекин дар ёди мардум бо номи неку корҳои нек, махсусан бо ҷилди китобҳои шеърию достонҳои нотакрори худ абадӣ нақш баст».

Бахши дигари китоб аз шеърҳо иборат буда, қариб аксари онҳо дар пайравии ашъори бародараш Ҷамолиддини Хумӣ ба қалам дода шудаанд. Махсусан, мувашшаҳоти зиёде, ки вай бахшида ба ин ё он шахси таърихӣ, наздикони оила гуфтааст, сазовори таваҷҷӯҳанд ва услуби шеъргӯйии бародараш шоир Ҷамолиддини Хумиро хотиррасон мекунанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки китоби Икромиддин «Меърочи Мирзо Улуғбек» туҳфаи арзандаест ба ёдбуди бародараш.

Ногуфта намонад, номи Ҷамолиддин Хумии шоир дар байни муҳоҷирони ӯзбекистоние, ки дар солҳои пеш ба Амрико омада мондаанд, низ шинос аст. Дар ин хусус ҳунарпеша Худойбердӣ Зиёдов як вохӯрии муҳоҷиронро бо аҳли фарҳанг ба хотир оварда мегӯяд: «Вақте ки ман дар ин маърака «Ватан» ном шеъри Ҷамолиддин Хумиро ба оҳанг даровардa мехондам, ашк аз дидагони онҳое, ки Ватанро ёд карда буданд, шашқатор шуд...».

Дарвоқеъ, ин аст қимати шеъру суруде, ки номи офарандаашро абадӣ мегардонад.

**Акмал АҲМАДҶОНОВ,**
**Умеда ҚАМАРОВА.**
*НЮ-ЙОРК.*

